**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Амонов Салохудин дар мавзуи: «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – «Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ» (13.00.05.03 – «Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ»)**

Солҳои зиёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таълиму тарбия аз заминаҳои миллӣ ва ниёзи шуури мардум то андозае дур монда буд. Бо шарофати сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ ба як самти муҳим ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Дар ҳамин замина, баргузории озмунҳо ва чорабиниҳои фарҳангии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат», «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва махсусан маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» имконият медиҳанд, ки наврасон аз хазинаи хиради ниёгон ва паёмҳои арзишманди «Шоҳнома» баҳра бигиранд. Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқоти Амонов Салоҳуддин – «Ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои шоҳномахонӣ» – хеле актуалӣ ва саривақтӣ буда, ба талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Муаллиф дар диссертатсияи худ ба як қатор масъалаҳои муҳим рӯ овардааст, ки навоварӣ ва арзиши илмӣ доранд:

- ҷанбаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогии мафҳуми худшиносии миллӣ муфассал таҳлил ва муайян шудаанд;
- чорабиниҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ», ҳамчун воситаи муассири ташаккули худшиносии миллӣ асоснок гардидаанд;

- модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллӣ таҳия шудааст, ки дар амал санҷида ва самаранокии он исбот шудааст;
- муҳити таълимӣ ва ҳамкории мактаб бо оила ҳамчун омили калидии ташаккули худшиносии хонандагон арзёбӣ гардидааст;
- натиҷаҳои озмоишӣ самаранокии модели пешниҳодшударо тасдиқ мекунанд.

Ин навгониҳо имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода шаванд ва ба беҳтар гардидани самти худшиносии миллии хонандагон мусоидат кунанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар он масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва озмоишии масъала бо пайдарпаии мантиқӣ инъикос ёфтаанд. Муаллиф тавонистааст робитаи байни таълим, фарҳанг, муҳити иҷтимоӣ ва арзишҳои миллӣ-ахлоқиро возеҳ нишон диҳад. Забон ва услуби баёни матн равон ва илмӣ мебошанд.

Бо вуҷуди арзишмандии илмӣ ва амалии таҳқиқот, як қатор нуктаҳо ҷиҳати такмил додани тадқиқот тавсия мешаванд:

1) Мақоми роҳбарони синфҳо дар татбиқи модели пешниҳодшуда метавонад боз ҳам мушаххастар нишон дода шавад;
2) Маводи муқоисавӣ бо таҷрибаи дигар кишварҳои ҳамфарҳанг (Эрон, Афғонистон, Ӯзбекистон) ба таҳқиқот ғановат мебахшид;

Аммо ин камбудиҳои ҷузъӣ моҳияти илмии кори анҷомдодаро коста намесозанд.

Диссертатсияи Амонов Салоҳуддин ба мавзӯи муҳим ва стратегии рушди миллии кишвар бахшида шудааст. Таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ арзишманд буда, ба ҳалли масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон мусоидат мекунад.

Муаллиф ба таври илмӣ-мантиқӣ тавонистааст далелҳои кофӣ дар бораи самаранокии маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҳамчун воситаи тарбия ва худшиносӣ пешниҳод намояд.

Аз рӯи муҳтаво, сохтор, асосноккунии назариявӣ ва натиҷаҳои озмоишӣ, диссертатсияи Амонов Салоҳуддин ба талаботи Қоидаҳои ҳимояи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – «Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ижтимоӣ» (13.00.05.03 – «Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ») мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи умумидонишгоҳии
психологияи умумӣ МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров” Бабаев Расул Ҳалимович

Имзои Бабаев Р.Ҳ.- ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадр ва корҳои махсус Сайдуллозода З.С.